# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи диссертатсионии Қодирова Фирӯза Рустамовна дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология. - Душанбе, 2021. -24 с.**

Дар забоншиносии тоҷик муҳаққиқон ҳанӯз аз нимаи дуюми асри гузашта ба омӯзиши хусусиятҳои дастурии забони асарҳои ҷудогона таваҷҷуҳ намуда буданд.

Омӯзишу пажӯҳиши хусусиятҳои забонии осори қуруни вусто имкон медиҳад, ки таркиби луғавии забон, сохтори морфологии вожагон ва вижагиҳои наҳвии забон, таҳаввул ва инкишофи он дар давраҳои мухталиф мушаххас гардад. Ҳарчанд дар ин муддат аз ҷониби муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ забони осори зиёди гуногунжанр омӯхта шуда бошад ҳам, то ҳол хусусиятҳои забонии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Диссертатсияи Қодирова Фирӯза Рустамовна аз ҷумлаи нахустин кори таҳқиқотии мукаммалест, ки ба таҳқиқи хусусиятҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома» бахшида шудааст ва пажӯҳиши анҷомдодаи мазкур барои илми забоншиносӣ иқдоми саривақтӣ ва судманд аст.

Аз мундариҷаи диссертатсия бармеояд, ки он аз муқаддима, се боб, даҳ фасл, шаш зерфасл, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда иборат аст. Муқаддимаи рисолаи мазкур тибқи талаботи кори илмӣ таҳия гардида, дар он зарурату аҳамият, дараҷаи омӯзиш, навгонӣ ва методҳои таҳқиқ асоснок гардида, объект, мақсаду вазифаҳои пажӯҳиш, аҳамияти назариявию амалии кор ва нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия дарҷ карда шудаанд.

Боби якуми автореферат **«Гурӯҳбандии лексикаи «Ҷаҳоннома»** номгузорӣ шуда, он аз ду фаслу ду зерфасл иборат аст. Фасли аввал «Калимаҳои аслӣ ва таснифоти онҳо» ном дошта, дар он калимаҳои аслии дар таркиби асар фаъолро вобаста ба хусусиятҳои маъноияшон ба 12 гурӯҳ (мафҳумҳои марбут ба: инсон, яъне исми шахс; номи ҳайвонот,

паррандагон ва хазандаҳо; соматизмҳо; касбу ҳунар, машғулият ва унвонҳо; либосворӣ ва таҷҳизоти ороишӣ; макон ва минтақаҳои гуногун; мавҷудот ва падидаҳои табиӣ; миқдор, масоҳат, вақт ва фаслҳои сол; меъморӣ ва сохтмон; соҳаи боғдорӣ, кишоварзӣ ва рустанӣ; моддаҳои кимиёвӣ ва маҳсулоти қимат; ашё ва олоти гуногун) дастабандӣ намудааст. Диссертант вожаҳои ғайрифаъоли «Ҷаҳоннома»-ро ба гурӯҳҳои кӯҳнашуда ва адабӣ-китобӣ ҷудо намудааст.

Дар фасли дуюм – **«Калимаҳои иқтибосӣ»** диссертант мансубияти забонии вомвожаҳои таркиби луғавии «Ҷаҳоннома»-ро ба таври васеъ таҳлилу баррасӣ кардааст.

Боби дуюм – **«Категорияҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома»** унвон дошта, аз чаҳор фасл иборат мебошад. Дар фаслҳои мазкур хусусиятҳои маъноии калимаҳои таркиби асари мавриди зикр, яъне калимаҳои сермаъно; ҳамшакл (омонимҳои лексикӣ, омонимҳои лексикиву морфологӣ, омонимҳои ономастикӣ); ҳаммаъно; зидмаъно таҳлилу баррасӣ гаштаанд.

Дар боби сеюми фишурда, ки **«Ономастикаи асар ва таснифоти он аз рӯйи маъно ва сохтор»** номгузорӣ шудааст, номвожаҳои дар таркиби асар корбастшуда аз ҷониби диссертант ба таври муфассал таснифу таҳлил гардидаанд. Муҳаққиқи ҷавон дар ин фасл дуруст қайд месозад, ки «Асоси таркиби луғавии асарро онимҳо ташкил медиҳанд, ки ҳар кадоме, дар навбати худ, ба шохаву соҳаҳои гуногуни ономастика марбутанд ва баррасии он аз аҳамият холӣ набуда, барои рушди номшиносии тоҷик маводи хубу фаровоне хоҳад дод» (саҳ. 17).

Дар хулоса натиҷаи илмию амалии диссертатсия дар 12 банд хеле муфассалу дақиқ ифода ёфтааст. Аз автореферат маълум гардид, ки диссертант доир ба мавзӯи пажӯҳиши худ 9 мақола чоп кардааст, ки 4-тои онҳо тибқи талабот дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ шуда, мазмуни асосии диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

Сарфи назар аз арзиши баланди илмиву амалӣ дар фишурда баъзе норасоиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо дар таҳрири ояндаи кор судманд хоҳад буд:

1. Дар рисола ҳамгунии истилоҳот ба назар намерасад, чун «калимаҳои ҳамшакл», «омонимҳо»; «калимаҳои зидмаъно», «антонимҳо», «вожаҳои муқобилмаъно» ва ғайра.

Эроди зикршуда ҷузъӣ буда, арзиши илмии диссертатсияро ҳаргиз кам намекунад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи мавриди тақризи диссертант Қодирова Фирӯза Рустамовна дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон» ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи онро арзандаи дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология ҳисобидан равост.

Номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Ҷаҳонгири Р.

Имзои дотсент Ҷаҳонгири Р.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб,
кӯчаи С. Сафаров – 16.
E-mail: rustamshokh@mail.ru
Тел.: (+992) 981000219

«____» апрели соли 2021